# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
14-уми апрели соли 2026, №117

Барои сазовор донистани Султонзода Шоҳкарим Султон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 31 январи соли 2026, суратмаҷлиси №108 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Шоҳкарим Султон 20 ноябри соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2012 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳи мазкурро соли 2017 бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Моҳи сентябри соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ шурўъ намуда, то ин ҷониб дар кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Султонзода Ш.С. бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 25-уми апрели соли 2018, №180-05 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 19-уми декабри соли 2025, №118 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 20 декабри соли 2025, №5 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзоода Парвон Зайналобудин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети

ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассис-масъули парвандаҳои махсусан муҳими Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Мирзоев Парвиз Исроилович номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Олимзода Д.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон ва котиби ҷаласа муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон Нуров Ф.Б. имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ч. санаи 19 марти соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Шоҳкарим Султон оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Султонзода Шоҳкарим Султон нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Маводи дигари илмии нашргардида:**

**[1-М].** Sanginov, D.Sh., Shabonov Sh.S. Business law [Text]: Text lecture / D.Sh. Sanginov, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2020.– 131 p.

**[2-М].** Mirzozoda, P.Z., Shabonov Sh.S. Financial and tax law of the Republic of Tajikistan [Text]: Text lecture / P.Z. Mirzozoda, Sh.S. Shabonov. – Dushanbe: «TNU publishing house», 2025. – 134 p.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[3-М].** Шабонов, Ш.С. Табиати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон/ – 2019. – №6. – С. 205-208; ISSN 2413-5151

**[4-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии базе масъалаҳои гардишпазирии роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – № 4 (28). – С. 176-181; ISSN 2414-9217

**[5-М].** Шабонов, Ш.С.. Нақши шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4. – С. 153-160; ISSN 2414-9217

**[6-М].** Мирзозода, П.З., Шабонов Ш.С. Тавсифи умумии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ [Матн] / П.З. Мирзозода, Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1. – С. 147-156. ISSN 2414-9217

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – Т. 12. – № 4. – С. 113-118.

**[8-М].** Шабонов, Ш.С. Таърихи пайдоиши роҳҳои автомобилгард дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021) ва «400-солагии Миробид Сайидо Насафӣ». – Душанбе: «Матбаи ДМТ», 2019. – С. 133-136.

**[9-М].** Шабонов, Ш.С. Сохтмони роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Дар маҷмуа доир ба «Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ» Бахшида

ба ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. – Душанбе – 2021. – С. 182-187.

**[10-М].** Шабонов, Ш.С. Проблемы экономической безопасности страны страны в условиях глобализации [Матн] / Ш.С. Шабонов // Материали XIII Евразийского экономического форума молодежи. Том 2. Уральский государственный экономический университет. – Екатеринбург. – 2023. – С. 245-246.

**[11-М].** Шабонов, Ш.С. Государственное регулирование предпринимательской деятельности в сфере строительство автомобильных дорог [Матн] / Ш.С. Шабонов // XI Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – Душанбе, – 2023. – С. 107-111.

**[12-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқ [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон», «115 – солагии академик Бобоҷон Ғафуров, «Соли 2023 – соли забони русӣ» ва «Соли 2025-Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо». – Душанбе, 2023. – С. 115-120.

**[13-М].** Шабонов, Ш.С. Ҳуқуқи моликият ба роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30 – юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 170 – 177.

**[14-М].** Шабонов, Ш.С. Танзими ҳуқуқии роҳҳои автомобилгарди пулакӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводи конференсияи илмӣ назариявӣ таҳти унвони «Паём – Роҳнамои зиндагии шоиста» Бобати шарҳу тавзеҳи нуктаҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон. – Душанбе, 2024. – С. 106 – 110.

**[15-М].** Шабонов, Ш.С. Реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.С. Шабонов // Маводҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2024. – С. 214-217.

**[16-М].** Шабонов, Ш.С. Ҷавобгарии молумулкии иштирокчиёни шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард. [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ «аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои Рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия». – Душанбе, 2025. – С. 231-239.

**[17-М].** Шабонов, Ш.С. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард [Матн] / Ш.С. Шабонов // Конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ дар мавзуи «Конститутсия – асоси низоми сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 2025. – С. 230-239.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Давлатзода Комрон Давлат** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе;

– **Маҳмадшозода Фарҳод** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Абдураҳимзода Сиёвуш Қурбоналӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд.

1. Муаллиф нақши меъёрҳои қонунгузориро дар танзими муносибатҳо вобаста ба истифода ва фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дуруст арзёбӣ намуда, аҳаммияти онҳоро дар таъмини шаффофият, устуворӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои иқтисодӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқот масъалаи механизми татбиқи амалии чунин меъёрҳо, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба фаъолияти воқеии субъектҳои соҳибкорӣ ва низоми идоракунии соҳа ба таври кофӣ мушаххас нагардидааст. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

2. Бо вуҷуди арзиши илмии таҳқиқот, дар автореферат баъзе масъалаҳо мавҷуданд, ки метавонанд мавриди муҳокима қарор гиранд. Масалан, дар автореферат баъзе масъалаҳои марбут ба таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ба таври мухтасар баррасӣ шудаанд. Ба назар мерасад, ки тахлили муфассали таҷрибаи

ҳуқуқии кишварҳои дорои инфрасохтори пешрафтаи роҳдорӣ метавонад ба таҳқиқот мазмуни бештар бахшад.

3. Аз мазмуни автореферати диссертатсияи маълум мегардад, ки муаллиф таърихи инкишофи қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба панҷ марҳила ҷудо намудааст. Бо вуҷуди аҳамияти чунин гурӯҳбандӣ, асосҳои илмии ин марҳилабандӣ ба таври кофӣ шарҳ дода нашудаанд. Ҳамчунин, таҳлили санадҳои мушаххаси меъёрии ҳуқуқии ҳар як давра ба таври муфассал пешниҳод нагардидааст. Аз ин рӯ, хуб мебуд агар муаллиф марҳилаҳои зикршударо бо такя ба таҳлили амиқтари қонунгузории амалкунандаи давраҳои гуногун асоснок менамуд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**– коркард карда шуд:** Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

**– пешниҳод шудааст:** Муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши бунёди роҳҳои автомобилгард маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятианд, ки дар натиҷаи сабти давлатӣ, идоракунӣ ва назорати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ шакл мегиранд. Ин робитаҳо баҳри сохтмони босифати роҳҳо дар минтақаҳои дорои релефи печида, истифодаи мақсадноки қитъаҳои замин, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ҳамчунин чараёни иҷрои корҳои соҳибкорӣ, аз қабили омодагии геодезӣ бо истифода аз аксбардории топографӣ, омӯзиши сохтори релеф, хок, ковокиҳои замин ва манбаъҳои об дар он минтақа нигаронида шудаанд;

**– исбот шудааст:** Бо дарназардошти равандҳои ҳамгироӣ, зарур дониста мешавад, роҳҳои автомобилгард ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул дар баробари роҳи оҳан, хати интиқоли барқ, хати қубур ҳамроҳ карда шавад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки муносибатҳои марбут ба истифода ва идоракунии чунин инфросохтор дар сатҳи қонунӣ ба таври возеҳ ва муассир танзим шаванд;

– **ҷори намудани:** Мафҳуми роҳҳои автомобилгард ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шуда, дарбаргирандаи қитъаҳои замини атрофаш, унсурҳои рӯбино ва зербинои он, таҷҳизоти роҳии қисмати технологии он, таҷҳизоти муҳофизатии роҳӣ, таҷҳизотҳои сунъии роҳӣ, объектҳои истеҳсолӣ ва унсурҳои дигари роҳи автомобилгард, ки ҳаракати мунтазаму бехатари автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро вобаста ба суръат, иқтидори сарборӣ ва андозаҳои муқарраршуда таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад, ки тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», манзур мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, рушди муносибатҳои маданӣ ва соҳибкорӣ дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилагрд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаби таҳия ва коркарди як қатор пешниҳодҳо баҳри мукаммал гардидани қонунгузорӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, танзимнамоии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин бахш мусоидат хоҳанд кард. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома ва консепсияҳо истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми тадриси фанни таълимии «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», курсҳои махсуси «Ҳуқуқи хизматрасонӣ» ва «Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ» мавриди истифода қарор дод.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта дар** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди конунгузорӣ асос меёбад.

– **баён шудани** идоракунии давлатӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард маънои дахолати мақсадноки давлат ба муносибатҳои соҳибкориро дорад, ки ин дахолат дар чаҳорчӯби муқаррароти қонун аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор амалӣ мешавад. Мавзуи идоракунии давлатии ин соҳа муносибатҳое мебошанд, ки ба омӯзиши қитъаҳои замин ва баланд бардоштани самаранокии роҳҳои автомобилгард рабт доранд. Ҳадафи калидии идоракунии давлатии ин соҳа ноил шудан ба дурнамои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили раҳоӣ аз анклавҳои коммуникатсионӣ, тавсеаи фаъолияти соҳибкорӣ ва инкишофи робитаҳои тиҷоратӣ байни минтақаҳои наздик ва дур мебошад.

Бархилофи дигар намудҳои таъсиррасонии давлатӣ, идоракунии давлатии муносибатҳои соҳибкорӣ дар ин бахш нисбат ба он субъектҳое нигаронида шудааст, ки бо моликияти истисноии давлат, ба замин, сарукор доранд;

**– ошкор гардидани** таърихи инкишофи қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард аз 5 марҳила иборат будан: марҳилаи аввал аз пойдоршавии ҳокимияти Шуравӣ то соли 1929, ки дар ин давра қонунгузории бахши роҳҳои автомобилгард аз санадҳое иборат буд, ки аслан ба идоракунии давлатии роҳҳои автомобилгард равона гардида буд; марҳилаи дувум, ки аз барномаи бузурги сохтмонӣ дар ҷумҳурӣ маншаъ гирифта, солҳои бунёди аввалин роҳҳо бо сангфаршшудаpo дар бар мегирад ва ба таҳияи нақшаи панҷсолаи якум ва дуюм рост меояд; марҳилаи сеюм – солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро дар бар мегирад, ки дар он солҳо афзалияти аввалиндараҷа ба хатти ҷабҳа дода мешуд, аз ин рӯ, бунёди роҳҳои автомобилгард дар зинаи дуюм қарор гирифт; марҳилаи чорум солҳои 1946 то 1990-ро дар бар мегирад, ки аз шаклгирии Вазорати наклиёти автомобилии ҶШС Тоҷикистон то ҷалби колхозҳову совхозҳо дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро дар назар дорад. Дар ин давра фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба ташкили ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона равона шуда буд; марҳилаи панҷум дар даврони Истиқлоли давлатӣ, ки дар он сохтмони роҳҳои автомобилгард тобиши нав касб намуданд, чунки яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳз баромадан аз бумбасти коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад;

**– омухта шуданд:** шарҳи куллии хусусиятҳои муносибатҳои соҳибкорӣ дар самти бунёди роҳҳои автомобилгард, баррасии низоми идоракунии давлатӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ марбут ба сохтмони роҳҳои автомобилгард, муайян кардани пояҳои таърихии эволютсияи қонунгузорӣ дар бораи рушд ва сохтмони роҳҳои автомобилгард дар давраҳои мухталиф, ҳамроҳ бо таҳлили сарчашмаҳои танзимкунандаи ин соҳа, ташаккул додани тасаввуроти мушаххас ва асоснок кардани эътирофи роҳҳои автомобилгард ҳамчун унсури ҳуқуқӣ;

**– аз нав такмил додани** қонунгузорӣ, рушди муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** масъалаҳои муайяни танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилагрд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ мусоидат хоҳанд кард.

– **муайян карда шуданд**, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби фаъолияти соҳибкориро дар ин бахш танзим мекунад, қоидаҳои муфассал ва равшане, ки реҷаи ҳуқуқии роҳҳои автомобилагрдро танзим мекунад, дар бар намегирад. Аммо муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бе дарназардошти

муқаррароти мушаххас доир ба роҳҳои автомобилагрд татбиқ намудан мумкин нест. Бинобар ин, ба қонунҳои мавҷуда тағйирот ворид намудан ё қабул намудани қонунҳои нав зарур аст. То қабули чунин чораҳо, бояд меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ҷиҳати дар фаъолияти соҳибкорӣ иштироккунанда, баробар татбиқ карда шаванд.

**– офарида шуд:** роҳи автоомбилгард ҳамчун объекти ягонаи ғайриманқул аз маҷмуи объектҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст, ки дар таркиби он роҳи автомобилгард, инчунин дигар объектҳои инфрасохтори роҳ шомиланд: пулҳо, нақбҳо, нуқтаҳои хизматрасонии воситаҳои нақлиётӣ, нуқтаҳои ситонидани маблағ аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, чароғакҳо, лавҳадеворҳои иттилоотӣ ва ғайра.

**– муаррифӣ карда шуд:** шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгардро метавон чунин тавсиф кард: «Ин шартномаест, ки дар асоси фаъолиятҳои фармоишгар таҳия шуда, мувофиқи он иҷрокунанда муваззаф аст корҳои сохтмонӣ ва васлкуниро, ки бо санадҳои техникӣ муайян гардида, ба эҷоди комил ё навсозии иншоот нигаронида шудааст, анҷом диҳад; фармоишгар бошад, ухдадор аст дар раванди иҷрои ин корҳо фаъолона ширкат варзида, арзиши онҳоро пардохт намояд».

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводи илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Пешниҳод мешавад, номгузорӣ намудани моддаи 826 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ухдадориҳои иловагии фармоишгар низ қобили қабул нест, чунки фароҳам овардани шароит бахри фаъолияти паймонкор, маҳз ухдадории асосии фармоишгар ба ҳисоб меравад. Мушкилии дигар, ки ҳангоми ба роҳ мондани сохтмони роҳҳои автомобилгард ба миён меояд, ин масъулияти паймонкор ба ҳисоб меравад, ки пас аз ба истифода додани роҳ дар давоми муҳлати кӯтоҳ роҳи мазкур фарсуда мегардад.

**– ғоя асоснок шудааст:** Дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба объектҳои хаттӣ (тарҳӣ) таваҷҷуҳи вижа зоҳир гардад ва танзими ҳуқуқии маҷмуи томи ғайриманқул, ки ҳам унсурҳои манқул ва ҳам ғайриманқулро дар бар мегирад, ба роҳ монда шавад. Ба гурӯҳи объектҳои хаттӣ, ғайр аз роҳҳои автомобилгард, инчунин хатҳои интиқоли неруи барқ, хатҳои мухобирот, қубурҳои обгузар, роҳҳои оҳан ва ғайра дохил мешаванд.

– **муайян шудаанд**: Муҳим аст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ – махсусан дар боби 41-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ворид намудани моддаи алоҳида – масъулияти паймонкорон нисбат ба иншоотҳои хос, аз қабили роҳҳои автомобилгард, мушаххас гардад. Давомнокии кафолат барои роҳҳои автомобилгард бо назардошти шароити мушаххас бояд ба таври дақиқ муайян шавад ва дар ҳама ҳолатҳо ин муддат набояд аз 20 (бист) сол камтар бошадм.

– **истифода карда шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалияи судӣ, мушоҳидаҳои оморӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 14 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Султонзода Шоҳкарим Султон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 15 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, бюллетенҳои тақсимнашуда – 1 адад, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

14-уми апрели соли 2026